آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

4
апрели
соли 2024
Панҷшанбе
№ 27
(15038)

e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

ТОШКАНД ДАР ОСТОНАИ ДИГАРГУНИҲОИ БУЗУРГ

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 3 апрел дар иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои депутатҳои халқии шаҳри Тошканд иштирок кард. Инчунин раҳбари давлатамон бо корҳои бунёдкории пойтахт, шароите, ки дар иншоотҳои таълими нав ва сайёҳӣ фароҳам оварда шудаанд, шинос шуд, ба сохтмони иншооти аввалини шаҳри Тошканди Нав оғоз бахшид.

Дар оғози суханронии худ дар иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои депутатҳои халқии шаҳри Тошканд роҳбари давлат аз вохӯрияш бо ҷомеаи пойтахт изҳори қаноатмандӣ намуда, ба масъалаҳои рӯзмарраи кунунӣ эътибор дод. Муҳимияти кам кардани таъсири нохуши вазъи кунунии иқтисодиёти ҷаҳон, аз ҷумла дар кишварҳои шарик ба иқтисодиёти кишвари мо ва даромади аҳолӣ таъкид гардид.

– Барои он ки бино аз таъсири беруна амон монад, бояд пойдевори мустаҳкам дошта бошад. Пойдевори мамлакати мо бошад, маҳалла аст. Агар пойгоҳи иқтисодии маҳалла пурқувват бошад, агар одамон имконияти даромад кардан доштан бошанд, беҳтар зиндагӣ кунанд, фарзандони худро бо таълим таъмин намуда, ба фардо эътимод дошта бошанд, он вақт эътидол ва пешрафт ба даст меояд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Ба ин маънӣ мушкилоте, ки дар фаъолияти шахсони масъул ҳастанд, имкониятҳои истифоданашуда дар ноҳияҳо зикр гардиданд.

Масалан, дар шаҳри Тошканд бисёр сармоягузорон ва соҳибкороне ҳастанд, ки мехоҳанд лоиҳаи худро татбиқ намоянд, вале замин кам аст. Барои онҳо фароҳам овардани шароит аз тариқи қайди заминҳои истифоданашуда, ба савдои музояда гузошта шудани 979 қитъа ва 175 гектар замин, ки аз табақаи кишоварзӣ ба табақаи минтақаҳои саноатӣ ва истиқоматӣ гузаронда шудаанд, имконпазир аст.

Дар ноҳияи Янгиҳаёт минтақаи махсуси саноатии «Янги авлод» дар майдони 764 гектар ташкил карда мешавад. Соҳибкорони маҳаллӣ ва хоричӣ барои татбиқ намудани лоиҳаҳо дар ҳаҷми 2,5 миллиард доллар рағбат зоҳир карданд. Ин имкон медиҳад даҳҳо ҳазор ҷойҳои корӣ ташкил гарданд.

Бо кор таъмин сохтани 80 ҳазор шаҳрвандони аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол тақозо мегардад. Баробари ин 98 ҳазор ҷойҳои корӣ дар корхонаҳо ва дар ташкилоти пойтахт мавҷуд мебошад.

Дар таъмин намудани амнияти ҷамъиятӣ ва мубориза ба муқобили ҷиноятҳои корӣ муносибати нав зарур мебошад.

Барои он ки сифати ҳаёти сокинони Тошканд беҳтар шавад, бояд корҳои зиёде иҷро гарданд. Бинобар ҳамин ҳам дар иҷлосия масъалаи ташкилӣ муҳокима карда шуд. Роҳбари давлат ба вазифаи ҳокими шаҳри Тошканд номзадии Шавкат Умурзоқовро, ки вазифаи ҳокимро иҷро мекард, пешбарӣ намуд.

Ш. Умурзоқов, ки соли 1979 дар Тошканд таваллуд шудааст, солҳои зиёд дар низоми прокуратура кор кард. Аз соли 2018 то соли 2023 раиси раёсати ҷамъияти саҳҳомии «Ўзавтосаноат» буд. Аз соли гузашта вазифаи ҳокими шаҳри Тошкандро иҷро мекунад. Депутатҳои Шӯрои маҳаллӣ имкон доштанд тӯли як сол ба кори ӯ баҳо диҳанд.

Депутатҳои халқӣ ва намояндагони ҷомеаҳо фикру ақидаи худро дар бораи номзад изҳор доштанд. Бинобар натичаи овоздиҳӣ Шавкат Умурзоқов ба вазифаи ҳокими шаҳри Тошканд тасдиқ гардид.

Президент таъкид кард, ки дар Тошканд барои муваффақ шудан ба натичаҳо имконият ва захираҳои зарурӣ мавҷуданд, вале барои ин бояд ҳокимони шаҳру ноҳияҳо, намояндагони маҷмӯи иқтисодӣ фаъолтар бошанд ва барои ба даст овардани натичаи баланд кор кунанд.

Дар иҷлосия имкониятҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳр дар мисоли ноҳияи Юнусобод таҳлил карда шуданд.

Тӯли ҳафт соли охир дар ноҳия 1,7 миллиард доллар сармояҳои хорича гузошта шуданд, ки имкон дод миқдори корхонаҳо, иншооти тиҷоративу хидматӣ то 3,5 ҳазор адад зиёд шаванд ва 20 ҳазор ҷойҳои корӣ фароҳам оянд. Барои 6 ҳазор оила хонаҳои нави истиқоматӣ бунёд гардиданд, мактабҳо барои 8 ҳазор хонанда сохта, 3 муассисаи олии таълимӣ кушода шуданд.

Бинобар масоҳаташ Юнусобод дар Тошканд ҷойи аввал ва бобати аҳолӣ мавқеи дуюмро ишғол мекунад, дар ноҳия 376 ҳазор нафар аҳолӣ дар 64 маҳалла зисту зиндагӣ доранд.

Ноҳия бинобар ҳаҷми даромади андоз пешқадам мебошад, ҳарчанд ин нишондиҳанда ба сари ҳар нафар чандон баланд нест. Ҳиссаи ноҳия дар саноати пойтахт дар ҷойи охир қарор дорад.

Бо дар назардошти ин барои баланд бардоштани даромади аҳолӣ имкониятҳои истифоданашуда мушаххас карда шуданд.

Аз ҷумла, 9 бахши бонкҳои ноҳияи Юнусобод дар байни мироҷони бузург ва 64 маҳалла ҳамчун «пул» хидмат мекунанд. Баробари афзудани даромади оилаҳо талабот ба маҳсулоти соҳибкороне, ки мизоҷони бонкҳо мебошанд, меафзоянд. Ин ҳам ба соҳибкорон ва ҳам ба бонкҳо фоида меоварад.

Минбаъд бояд бонкҳо барои зиёд кардани даромади аҳолӣ ва рушди муттасили иқтисодиёти ноҳия фаъолона дахл кунанд. Барои мизоҷоне, ки ҷойҳои корӣ ташкил мекунанд, фоизи ставка оид ба вом кам карда мешавад. Ёварони ҳоким мувофиқи талаботи соҳибкорӣ ба бекорон таълим медиҳанд.

Ба шахсони масъул супурда шуд, ки «Таҷрибаи Юнусобод» барои дастгирии соҳибкорон ва баланд бардоштани некуҳолии аҳолӣ созмон дода шавад.

Ба шарофати мавқеи қулаи худ Юнусобод барои тиҷорат бисёр «нуқтаҳои рушд» дорад. Ба мақсади ҷалб намудани сармояҳои нав метавон лоиҳаҳоро дар соҳаҳои савдо, хидматрасонӣ ва хӯроки умумӣ дар пойгоҳи иншооти кухна ё худ биноҳои ташкилоти давлатӣ татбиқ намуд, ки имкон медиҳанд 7 ҳазор ҷойҳои нави кори даромадашон баланд фароҳам оварда шаванд.

Дар шароити маҳдуд будани замин бояд аз ҳисоби вусъат додани инфрасохтори амудӣ саноат ва тиҷорат инкишоф дода шаванд. Аз ҷумла, барои вусъат додани бозорҳои деҳқонӣ аз тариқи зиёд кардани ошёнаҳои онҳо имконият мавҷуд аст. Бозсозии биноҳо дар минтақаи хурди саноатӣ то ба се-чор ошёна имкон медиҳад барилова 200 ҳазор метри мураббаъ масоҳат фароҳам ояд.

Дар соҳаи хидматрасонии иҷтимоӣ бо зиёд кардани миқдори лоиҳаҳои шарикии давлатию хусусӣ метавон ҳазорҳо ҷойҳои корӣ ташкил кард. Чунончӣ, сохтмони бинои нав барои беморхонаи шаҳрии рақами 7 имкон медиҳад ҳудуди холишуда барои сохтмони клиникаи бисёрҷанбаи дорои 420 ҷой бо иштироки сармоягузорони кӯриёӣ истифода бурда шавад.

Бинобар натичаи тадқиқот дар ноҳияи Юнусобод имконияти ҷалб намудани 600 миллион доллар сармоя ва фароҳам овардани 35 ҳазор ҷойҳои сердаромади корӣ муайян карда шуданд.

Ба ҳукумат супурда шуд, ки тамоми ноҳияҳоро омӯзад ва дар шаҳри Тошканд 250 ҳазор ҷойҳои сердаромади корӣ ташкил кунад, 2 миллиард доллар сармоя ҷалб намояд.

Бобати дар пойтахт ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами байналхалқии саноатӣ, инфрасохторӣ, соҳибкорӣ ва хидматрасонии коммуналӣ вазифаҳо гузошта шуданд.

Ба масъалаҳои ободонии маҳаллаҳо эътибори махсус дода шуд. Муҳим аст, ки кор бинобар кабудизоркунии кӯча ва ҳавлиҳо, тоза нигоҳ доштани ҳудудҳо бо роҳбарии раисони маҳаллаҳо ва куҳансолон дар рӯҳи анъанаҳои миллӣ фаъолтар шаванд.

Барои рағбатноксозии корҳои мазкур роҳбари давлат пешниҳод намуд, ки озмун ташкил гардад ва бинобар ҷамъбасти сол маҳаллаи намунавитарин бо электромобил мукофотонида шавад. Ин пешниҳод гарму ҷӯшон дастгирӣ карда шуд.

Дар анҷоми иҷлосия Президент бо депутатҳои халқӣ, раисони маҳаллаҳо, зиёён ва ҷавонон суҳбат кард.

Сипас Президент Шавкат Мирзиёев аз мактаби таълими ҳамагонии №5 ноҳияи Юнусобод боздид намуд. Дар Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» ислоҳот дар низоми таълим чун вазифаи нахустин муайян гаштааст. Яке аз масъалаҳои муҳими ин соҳа афзудани теъдоди ҷой барои хонандагон ба шумор меравад.

Роҳбари давлат таъкид намуд, ки дар қатори бунёди муассисаҳои нави таълимӣ баланд бардоштани ошёнаҳои муассисаҳои мавҷуда ва бунёди биноҳои иловагӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Дар мактаби №5, ки даставвал барои 960 хонанда муқаррар гаштааст, 2 ҳазор хонанда мехонд. Аз ин рӯ, соли гузашта мактаб таъмир гардида, биноҳои иловагӣ сохта шуданд. Дар натича барилова 1700 ҷой ба вуҷуд оварда шуд.

Дар мактаб дар 65 синф, 12 синфи забонҳо ва 5 синфи компутер шароити муосир фароҳам оварда шудааст. Барои хонандагоне, ки ба фанҳои дақиқ, муҳандисӣ ва технология таваҷҷуҳ доранд, тачҳизоти лабораторияи STEM гузошта шудааст. Инчунин толори варзиш, коворкинг ва бахши рекреатсионӣ вуҷуд дорад. Дар китобхонаи мактаб 5800 китоби илмӣ ва бадеӣ ҷамъоварӣ гаштааст.

Ҳоло дар мактаб 2600 хонанда таълим мегирад. Соли гузашта аз 165 хатмкунанда 163 нафараш ба муассисаҳои таълими олӣ дохил гаштаанд.

Дар мамлакатамон ба тамоюли касбии ҷавонон аз хурдсолӣ эътибори калон дода мешавад. Дар мактаби №5 синфҳои болоӣ ба ихтисосҳои дӯзандагӣ, ширинипазӣ, наҷҷорӣ ва кор бо маъдан сару кор доранд.

Президент дар маҳфилҳои номбурда бо шароит шинос гардид.

Зимни мулоқот бо аъзои Шӯрои директорони мактабҳои шаҳри Тошканд дар бораи арзишҳо ва эҳтироми меҳнати муаллимон сухан ба миён омад.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ШАҲРИ ТОШКАНД ТАЪИН КАРДАНИ Ш. Б. УМУРЗАКОВ

Мувофиқи банди 15 моддаи 109 ва моддаи 124-уми Конституцияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, инчунин қарори Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Тошканд Шавкат Буранович Умурзаков ба вазифаи ҳокими шаҳри Тошканд таъин карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон
Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД, 3 апрели соли 2024.

ДАР ЎЗБЕКИСТОН АНҶУМАНИ ЗАНОНУ ДУХТАРОНИ ОСИЁ БАРГУЗОР МЕШАВАД

Роҳбари давлати мо Шавкат Мирзиёев дар иҷлосияи 78-уми Ассамблеяи Генералии СММ ба мақсади истифода бурдан аз салоҳияти бунёдкоронаи бонувон, барои таъмин кардани иштироки фаъолашон дар идораи давлат ва ҷамъият, пешбурди иқтисодиёт, ҳамчунин баҳри мубодилаи таҷриба бо ташаббуси соли 2024-ум дар Ўзбекистон гузаронидани анҷумани занону духтарони Осиё баромад карда буд.

Анҷумани мазкур якҷо бо сохтори «СММ ва бонувон» 13-14 майи соли равон дар шаҳри Самарқанд гузаронида мешавад.

Дар доираи анҷуман масъалаҳои иштироки занону духтарони минтақа дар соҳаҳои илм, таълим ва инноватсия, ҳамчунин истифода аз технологияҳои рақамӣ баррасӣ мегарданд. Дар он бо дарназардошти иқтисодиёти кунунии ҷаҳонӣ аз тариқи васеъ сохтани имкониятҳои иқтисодии бонувон ба масоили коҳиш додани нодорӣ, ҷалб намудани занон ба тадбиркорӣ, роҳбарӣ ва инноватсияҳо эътибор дода мешавад.

Ба мақсади дар савияи баланд гузаронидани анҷуман дар Сенати Олий Маҷлис бобати гузаронидани Анҷумани занону духтарони Осиё Кумитаи ташкилӣ созмон дода шуд.

Дар ҷамъомаде, ки бинобар тайёрӣ ба анҷуман баргузор гардид, таъкид шуд, давлатҳое, ки ба иқтисодиёти ҷаҳон саҳми аз ҳама бузург мегузоранд, айнан дар минтақаи Осиё ҷойгир мебошанд, комёбиҳо дар соҳаҳои таълим, нигаҳдории тандурустӣ, технологияҳои иттилоотӣ, иқтисодиёт ва бисёри дигар самтҳо низ дар дӯши онҳост.

Раиси Сенат Танзила Норбоева изҳор дошт, ки масъалаи иштироки занону духтарон барои муваффақ шудан ба мақсадҳои устувори рушд дар анҷуман аҳамияти махсус касб менамояд. Зеро аз байн бурдани ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ, барои занон баробар ва бехатар намудани ҷойҳои корӣ, аз байн бурдани беэътиборӣ ба бонувон ва зӯроварӣ нисбати онҳо аз ҷумлаи масъалаҳои рӯзмарра маҳсуб мешаванд.

Иҷрои амалии қарорҳои иҷлосияи 68-уми комиссияи оид ба вазъи занони СММ, васеъ намудани имконияти иқтисодии занону духтарон, мавқеи парлумон бобати рағбатноксозии иштироки онҳо дар тиҷорат ва ҷамъият, ҳамчунин нақши созмонҳои ғайриҳукуматии минтақа барои ҳифз намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои бонувон низ баррасӣ гардиданд.

Дар ҷамъомад ҷиҳатҳои ташкилии анҷумани бонуфуз, масъалаҳои рӯзнома, вохӯриҳои дуҷониба бо ҳайати кишварҳои хоричӣ муҳокима гардиданд.

Норгул АБДУРАИМОВА,
хабарнигори ЎзА.

«ҶАНГАЛ – НАФАСИ САЙЁРА»

Дар байни мардуми мо сабзу хуррам намудани муҳити атроф, парвариши ниҳолҳои гуногуни мевадиҳандаю ороишӣ ва амсоли он ба ҳукми анъана даромадааст. Дарвоқеъ, ин амалҳои некро мардум бидуни амру фармон ва супоришҳои махсус ба ҷо меоварданд. Аммо бадшавии вазъияти экологӣ ва афзоиши бемориҳои гуногуни сироятӣ мақомоти марбутаро водор намудааст, ки дар бобати тоза нигоҳ доштани муҳити зист ҷиддан иқдом намоянд.

Дар Пажӯҳишгоҳи ҷангал форум ба вуқӯъ пайваст, ки мавзӯи «Ҷангал – нафаси сайёра»-ро дар меҳвари гуфтугӯҳои иштирокчиёни ҳуд қарор дод. Азиз Абдуҳакимов – вазири экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим изҳор намуд, ки ҳар як фарди ҷомеа мувваззаф аст дар робита бо тоза нигоҳ доштани муҳити зист саҳми хешро гузорад.

– Одатан, вақте ки шахс ба мавзеи дарахтзор ва минтақаҳои сабзу хуррам ворид мешавад, аз ҳавои софу беғубор ва накҳати чамани атроф бо иштиёқи том нафас мекашад ва баъди лаҳзае худро хеле бардаму бақувват ҳис мекунад. Зеро он ҷо оксиген зиёд аст ва кас сер шуда нафаси тоза мекашад. Магар фароҳам овардани чунин шароити барои ҷисму ҷони мо муҳиму даркорӣ кори дасти худи мо нест? Магар мо наметавонем атрофи худро ба боғу чаман табдил диҳем? Албатта, метавонем, – гуфт Абдуҳакимов.

Дар чорабинӣ Ғолибҷон Қурбонов – муовини директори Агентии хоҷагии ҷангал, Саидқул Арабов – иҷрокунандаи вазифаи директори Институти илмӣ-тадқиқотии хоҷагии ҷангал, Зиновий Новитский – мудири лабораторияи «Барпо намудани ҷангалзорҳои гирду атроф ва мелиоратсияи ҷангал», Рачаббой Мадраимов – мудири лабораторияи ҳифзи захираҳои замини Пажӯҳишгоҳи технологияҳои ҳифзи муҳити зист ва табиат ва Бобомурод Эшонқулов – ходими калони илмии лабораторияи «Селексия, тухмипарварӣ ва ниҳолшинонӣ» доир ба масъалаву мавзӯъҳои аҳамияти сарпӯшҳои сабз дар барқарорсозии экосистемаи қаъри хушки баҳри Арал, технологияи парвариши писта, ниҳолҳои ҷангал дар барқарор намудани қаъри хушки баҳри Арал маърӯза карданд.

Мувофиқи маълумоти Агентии хоҷагии ҷангал замини ҷангалзорҳо ба 1 миллион гектар васеъ шуда, дар айни ҳол 11,9 миллион гектарро ташкил медиҳад. Ин аз 26,4 фоизи масоҳати умумии замини ҷумҳурӣ иборат мебошад. Майдони 5 миллиону 300 ҳазор гектарро ҷангал фаро гирифтааст. Аз 3,5 миллион гектар 2,2 миллион гектараш ҷангалзори табиӣ ва 1,2 миллион гектараш ҷангалҳои корам мебошанд.

Дар чорабинӣ маълумотҳои зиёд ироа гардиданд, ки системаи Агентии хоҷагии ҷангали мамлакатамонро дар ҳуд ифода менамоянд. Ба таври мисол, 63 хоҷагии давлатии ҷангал ва 12 хоҷагии ҷангали махсусгардонидашудаи табиӣ ва 4 корхонаи истеҳсоли ҷангал машғули фаъолият мебошанд ва майдони умумии онҳо 6,6 миллион гектар (55 фоизи фонди умумии ҷангал)-ро ташкил менамояд. Захира, боғҳои миллии табиӣ, хоҷагиҳои шикори ҷангал, хоҷагиҳои таҷрибавии ҷангал тобеи Вазорати экология буда, майдони умумии онҳо аз 5,3 миллион гектар (ё аз 5 фоизи фонди умумии ҷангал) ташкил ёфтаанд.

Дар асоси Низомнома «Дар бораи тартиби ба иҷора додани қитъаҳои фонди давлатии ҷангал» бо қарори Девони Вазирон аз 13 декабри соли 2019 дар мачмӯъ аз фонди 78,8 ҳазор гектар ҷангал 7 ҳазору 430 гектари он ба иҷора дода шудааст. Аммо дар соли 2023 аз 753 нафар иҷорачиён, ки ҳаққи иҷораро напардохта, аз замин низ истифода набурдааанд ва ё аз он бесамар истифода кардаанд, 30 ҳазор гектар замин тибқи тартиботи муқаррарашуда ба фонди давлат бергардонида шудааст.

Соли 2023 бо Агентии «Ӯзбеккосмос» барои муайян кардани масоҳат, сарҳад ва ҳолати ҷангалҳои вилоятҳои Самарқанд, Ҷиззах ва Фарғона шартнома баста, оид ба муайян кардани масоҳат ва ҳолати ҷангал тавассути моҳвора як қатор корҳои муҳим ба анҷом расонида шудааанд. Бо мақсади ба эътидол овардани вазъи экологӣ дар майдони 235 ҳазор гектар тадбирҳои бунёд ва барқарорсозии ҷангал гузаронида шудааст. Дуним ҳазор гектар замини обии кištзор ба дарахтзор мубаддал гардида, дар он 5 миллион бех ниҳол шинонда шудааст.

Ташкилотҳои системаи ҷангалпарварӣ бо мақсади муҳофизат ва нигоҳ доштани ҷангалзорҳо дар 48 ҳазор гектар майдон муборизаи зидди ҳашароти зараррасон гузаронидааанд. Инчунин, бо мақсади ҳамоҳангсозии чорабиниҳои пешгирии сӯхтор дар ҷангалзорҳо аз ҷониби агентӣ ва ташкилотҳои системавии он дар мавсими тобистон, ки хатари сӯхтор бештар вучуд дорад, навбатдории доимӣ ташкил кардааанд.

Дар заминҳое, ки марбути Фонди ҷангалпарварӣ мебошад, аз ҷониби субъектҳои бахши хусусӣ ҷойгир кардани 220 ҳазор оилаи занбӯри асал ва парвариши он ба нақша гирифта шудааст. Барои тавсеаи ин соҳа соли 2023 оид ба 3 лоиҳаи грантӣ ба маблағи 18,7 миллион доллари амрикоӣ созишнома ба имзо расидааст.

Маълум аст, ки иншооти сайёҳии экологӣ маҳз дар заминҳои фонди ҷангал зиёд шуда мераванд. Дар форум тазаккур ёфт, ки ҳоло ин рақам ба 280 адад, маршрутҳои экологӣ ба 38 адад ва марказҳои сайёҳӣ ба 5 адад боло рафтааст. Форум ба чунин натиҷа расид, ки ҳарчи бештар шинонидани ниҳол барои бехбуди вазъияти экологӣ ва ҷолиб гардидани атрофу акнаф мусоидат хоҳад кард.

Форум ба Рӯзи ҷаҳонии ҷангал бахшида шуд. Дар поёни он иштирокчиён аз лабораторияҳои Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангалпарварӣ боздид намуданд ва бо фаъолияти он аз наздик ошно шуданд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
«Овози тоҷик».

ТОШКАНД ДАР ОСТОНАИ ДИГАРГУНИҲОИ БУЗУРГ

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Замонҳое буданд, ки эътибор ба касби омӯзгор заиф гашта буд. Ҳоло мо кӯшиш менамоем, ки нуфузи ин касби шарафнокро барқарор намоем ва аз лиҳози моддӣ муаллимонро рағбатнок созем. Сохтмони Тошканди Навро мо ба нақша гирифтаем, ки аз гузоштани пойгоҳи бинои Донишгоҳи педагогӣ оғоз намоем. Зеро меҳвари Ӯзбекистони Нав муаллимон ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, онҳо бояд ҳамеша дар болои ҳуд кор кунанд, дониш ва услуби ҳудро инкишоф диҳанд, – гуфт роҳбари давлат.

Дар бобати истифодаи пурраи имконоти нави мактаб, боло бардоштани сифати таълим то дараҷаи мактабҳои президентӣ супоришҳо дода шуд.

Шавкат Мирзиёев бо мактаби мусиқа ва санъати бачагонаи рақами № 1 шаҳри Тошканд шинос гардид.

Мактаб соли гузашта аз ҳисоби маблағи буҷаи ҷумҳурӣ сохта шуда, барои 250 хонанда муқаррар гаштааст. Дар соли хониши ҷорӣ ба синфи якум 145 хонанда қабул гардид.

Дар ин ҷо ҷавонон аз рӯи 12 самт беруни аз барномаи мактаб таҳсил менамоянд. Хонандагон дар асоси озмоишҳои эҷодӣ интихоб мегарданд.

Дар қариб 50 синфхонаи таълимӣ ва компутерӣ, инчунин дар толор барои чорабиниҳо шароитҳои намунавӣ фароҳам оварда шудааст. Дар китобхона беш аз 5500 китоби дарсӣ ва партитура ҷамъоварӣ гаштааст.

Президент таъкид намуд, ки санъат барои тарбияи насли аз лиҳози маънавӣ ғанӣ хидмат менамояд, муҳаббат ба санъат бояд аз синни бачагӣ ташаккул ёбад. Бо ин мақсад ба аҳамияти ҳамоҳангсозии барномаҳои таълими умумӣ ва мусиқӣ ишора гардид. Вазифаи пурзӯр намудани ҳамкории байни мактабҳои санъат, муассисаҳои таълими олӣ, театрҳо ва дигар муассисаҳои маданият гузошта шуд.

Дар мамлакатамон тамоми мактабҳо бо дастгоҳҳои мусиқӣ таъмин гаштаанд, ки ин ба рушди таваҷҷуҳ ва истеъдоди ҷавонон мусоидат менамояд. Ин инчунин ба насли ҷавон таҳвил намудани анъанаҳои мақом, санъати бахшӣ ва мусиқии классикӣ хидмат менамояд, ки онҳо арзишҳои мадании мо ба шумор мераванд.

Президент Шавкат Мирзиёев аз маҳаллаи Гулбозор дар ноҳияи Шайхонтаҳури пойтахт боздид намуд.

Ҳар як маҳалла анъана ва имконоти нодири худро соҳиб аст. Онҳо ба нуқтаҳои рушд табдил ёфта, барои фароҳам овардани ҷойҳои кор ва афзудани даромади аҳолӣ мусоидат менамоянд.

Гулбозор дар қисми таърихии Тошканд, дар қарибии бозори Чорсу ҷойгир шудааст, ки ба он ҷо дар тӯли сол бисёр сайёҳони хориҷӣ меоянд. Аз ин рӯ, ноҳия барои хидматрасонии сайёҳон ихтисос ёфтааст. Дар кӯчаҳо ва иморатҳои маҳалла шароитҳои иловагӣ бо нигоҳ доштани намуди қадимии онҳо ба вуҷуд оварда шудааст.

Аз он ҷумла тамоми шабакаҳои коммуникатсионӣ аз зери замин гузаронда шудааанд. Дарвозаҳои даромад барқарор гаштаанд, айвони бузург бо сутунҳои нақшин, ки дар шафати он ҳавз ба вуҷуд оварда шудааст, бунёд гаштааст. Устохонаҳои дӯзандагӣ ва ҳунармандӣ, нонвойхона, тарабхонаҳои таомҳои миллӣ, дуконҳои ҷавоҳирот ташкил гаштаанд. Намоишгоҳҳои «Таърихи нон» ва «Саёҳат ба Тошканди қадим» кушода шудаанд. Меҳмонхонаи сеситорадор қад меафрозад.

Кӯча қисме аз «ҳалқаи сайёҳӣ»-и ноҳияи Шайхонтаҳур мегардад. Хуллас, дар ин ҷо сайёҳон метавонанд муҳити таърихӣ ва ранги миллиро эҳсос намоянд.

Аҳли маҳалла ба роҳбари давлат дар бораи тағйирот дар маҳалла ва ҳаёти одамон нақл карданд. Дар маҳалла 2670 нафар истиқомат мекунад. Ба туфайли рушди савдо, ҳунармандӣ ва хидматрасонӣ маҳалла ҳудуде гардид, ки дар он шахси бекор вуҷуд надорад. Низоми «Ноҳияи бехатар» татбиқ гардид. Таъкид шуд, ки пас аз татбиқи ин лоиҳа имконоти хонаводаҳо барои ба даст овардани даромад ба андозаи назаррас зиёд гардид.

Президент либосҳои миллӣ ва маснуоти амаливу ороишии ҳунариро аз назар гузаронда, бо ҳунармандон сухбат намуд.

Роҳбари давлат дар ҷашни суманакпазии маҳалла ширкат намуд. Занҳои солҳӯрда аз сулҳ ва суботе, ки дар мамлакатамон ҳукмронӣ менамояд, изҳор намуданд. Шавкат Мирзиёев онҳоро бо моҳи Рамазон табрик намуд ва беҳтарин орзуҳоро изҳор кард. Барои сулҳ ва шукуфоии халқамон тиловат карда шуд.

Пешвои мамлакатамон ба шахсони масъул дар бобати идома додани рушди «ҳалқаи сайёҳӣ» ва бо шуғлфарогирии соҳаи сайёҳӣ супоришҳо дод.

– Маҷмааҳои замонавӣ дар ҳама ҷо вуҷуд дорад. Аммо мо сайёҳони хориҷиро бо таърихи бузурги мамлакатамон ба ҳуд ҷалб менамоем. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ин маҳал ба маркази сайёҳии шабонарӯзӣ табдил дода шуда, теъдоди объектҳои этнографӣ афзуда, арзишҳои миллиамон намоиш дода шуда, ҷашнвораҳои гуногун баргузор карда шаванд, – таъкид кард Шавкат Мирзиёев.

12 январи соли ҷорӣ фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чорабиниҳо оиди ба маротиб афзудани мавҷи сайёҳони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ ва минбаъд фаъолсозии сайёҳии дохилӣ» қабул гардида буд. Бинобар он кор бобати афзоиши теъдоди маҳалҳои сайёҳӣ, вусъат додани хидматрасонии фаромин-тақавии сайёҳӣ пеш бурда мешавад. Ба амал татбиқ намудани ин чорабиниҳоро дар мисоли маҳаллаи Гулбозор дидан мумкин аст.

Дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» дар маҳалла дарахтони боровар ва ороишӣ, гулҳо шинонда мешаванд.

Соле пеш, 18 март, зербинои сохтмони Тошканди Нав гузошта шуда буд. Шӯрои танзимгар ва мудирияти идораи сохтмон ва лоиҳакашӣ таъсис шуда буд.

Дар моҳи муқаддаси Рамазон, маросими роҳандозии сохтмони объектҳои аввал ба вуқӯъ пайваст.

Дар он Президент Шавкат Мирзиёев суханронӣ намуд ва аҳамияти таърихии ин рӯйдодро таъкид кард.

– Ҳоло мо зербинои кампусҳои Донишгоҳи «Ӯзбекистони Нав» ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд, Китобхонаи миллӣ, Театри миллӣ, Маркази байналхалқии илмию тадқиқотӣ, Музейи адабиёт, мактаби эҷодии ба номи Алишери Навоӣ ва ҳамчунин Маркази миллии мақомро мегузорем. Тасодуфӣ нест, ки сохтмони шаҳри нав аз андузандагони дониш ва маънавият сар мешавад. Онҳо дар ташаккули ҷамъияти соҳибмаърифат асос ва намуна мегарданд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Агар мактаб асоси ҷамъияти соҳибмаърифат ба шумор равад, пас муаллим такягоҳи он аст. Аз ин рӯ, дар ин ҷо дар навбати аввал кампуси нави Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд сохта мешавад, ки барои 20 ҳазор донишҷӯ шомили биноҳои таълимӣ, хобгоҳ барои 5 ҳазор ҷой, кӯдакистон барои 300 ҷой, мактаб барои 616 ҷой, литсейи академӣ барои 588 ҷой, маҷмӯи нави варзишӣ, қасри маданият, амфитеатр ва объектҳои дигар мебошанд.

Дар асоси таҷрибаи донишгоҳҳо, ки ба рӯйхати 300 донишгоҳи беҳтарини ҷаҳон шомил мебошанд, дар мактаби олии таълимӣ кластери педагогии инноватсионӣ ба вуҷуд оварда мешавад, ки занҷири ногусастании «кӯдакистон – мактаб – донишгоҳ»-ро таъмин менамояд.

Донишгоҳи «Ӯзбекистони Нав» яке аз муассисаҳои таълими олии бонуфузи мамлакат ба шумор меравад, ки дар соҳаҳои муҳандисӣ, идора, технологияи иттилоотӣ, агротехнология, илмҳои гуманитарӣ ва табиӣ тарбия менамояд. Дар шаҳр кампуси замонавӣ барои ин омӯзишгоҳ сохта шуда, он шомили биноҳои таълимӣ барои 10 ҳазор донишҷӯ, ошхона барои 1150 ҷой, китобхона ва музейи ихчам, маҷмӯи варзишӣ ва ҳавзи олимпӣ мебошад. Инчунин хобгоҳ барои 2 ҳазор ҷой барои донишҷӯён ва манзил барои 286 муаллим ва ходимон сохта хоҳанд шуд.

Лоиҳаи дигар – маҷмӯи нави Китобхонаи миллии Ӯзбекистон. Дар ин ҷо тамоми шароити ногузир барои нигоҳдории беш аз 10 миллион нусха адабиёт ва хидмати сифатноки 1420 хонанда дар як вақт фароҳам оварда мешавад. Майдони умумӣ 30 ҳазор метри мураббаъро ташкил менамояд.

Санъати театрӣ бо маънавияти халқ ва тарбияи ҷавонон робитаи ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, дар Тошканди Нав дар асоси стандартҳои байналхалқӣ бинои боҳашамати Театри миллӣ сохта мешавад, ки он чӣ барои ҳунарпешагон ва чӣ барои тамошобинон соҳиби хеле шароити муносиб хоҳад буд. Дар оянда вай барои тамоми театрҳои мамлакатамон лабораторияи ба ҳуд хоси эҷодӣ хоҳад гардид.

Дар шаҳр маҷмӯи нодири маънавият низ ба вуҷуд меояд, ки маркази байналхалқии илмиву тадқиқотӣ, мактаби эҷодӣ, музейи адабиёти ба номи Алишер Навоӣ ва Маркази миллии мақомро муттаҳид месозад. Роҳбари давлат дар бобати имконот ва аҳамияти ин маҷмааҳо таваққуф намуд.

– Муассисае, ки ҳоло зербинояш гузошта мешавад, дар тӯли солҳои зиёд барои ғанисозии маънавияти халқамон, тарбияи насли ҷавон чун шахсиятҳои аз ҳар ҷиҳат рушднамуда ва мутаносиб хидмат менамояд. Ман бовар дорам, ки Тошканди Нав маркази воқеии илм, маърифат ва маданият натанҳо барои мамлакатамон, балки барои тамоми минтақа хоҳад гардид, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Президент тугмаи рамзиро пахш кард ва ба сохтмони иншоот оғоз бахшид.

Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,
Икром АВВАЛБОЕВ,
мухбирони ЎзА.

КАДРҲО ДАР АСОСИ ОЗМУН ИНТИХОБ МЕГАРДАНД

Дар Ӯзбекистони Нав, чун дар тамоми соҳаҳои ҷомеа, ҷараёни ислоҳот дар соҳаи нав кардани низоми роҳбарӣ ва кадрҳои идоракунанда оғоз ёфта, пайваста амалӣ карда мешавад. Ин ҷараён бо ташаккул додани низоми тайёркунии кадрҳои нави роҳбарикунанда, ки ба талаботи истиқлолият ҷавобгӯ буда, моҳияти муносибатҳои навтаъсиси иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодиро дарк менамоянд, алоқаманд мебошад.

Дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ бо ташаббуси Агентии рушди хидмати давлатии назди Президент доир ба мавзӯи «Ҷамъбасти вазифаҳои соли гузашта ва нақшаҳои ояндаи агентӣ» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Мудири департаменти агентӣ Илҳом Қурбонов таъкид намуд, ки соли гузашта дар самти идоракунии кадрҳо ва рушди захираҳои инсонӣ дар мақомоти давлативу идоравӣ корҳои зеринро амалӣ намуд. Агентӣ дар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо қабули кадрҳоро дар асоси озмуни мустақил ба хидмати шаҳрвандии давлатӣ ба таври доимӣ ташкил менамояд. Бо ин мақсад, агентӣ портали ягонаи кушоди ҷойҳои холии хидматчиёни давлатии шаҳрвандӣ — vacancy.argos.uz-ро таҳия кардааст. Ин портал барои пур кардани ҷойҳои холии кории мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо бо кадрҳои баландихтисос аз рӯйи принсипи «равзанаи ягона» амал мекунад. Яъне, тамоми платформаҳои интернетӣ оид ба меҳнат ва кор бо кадрҳо бо портали мазкур муттаҳид карда шудааст. Портал дар баробари интерактив шудан, барои номзадҳо як қатор имконият ва қулайиҳоро фароҳам меорад. Масалан, номзадҳое, ки мехоҳанд дар озмун ширкат варзанд, метавонанд дар як вақт барои то се ҷойи холии корӣ дар мақомоти давлатӣ ариза диҳанд. Шумораи ташкилотҳое, ки ба онҳо ариза пешниҳод карда мешавад, бемаҳдуд аст.

Дар натиҷа соли гузашта интихоби номзадҳо бо хидматрасонии давлатӣ тавассути «vacancy.argos.uz» дар тамоми сохторҳои ҳукуматии шаҳр ва ноҳияву вилоятҳои ҷумҳурӣ, беш аз 730 нафар номзад, аз рӯйи 24256 ҷойи холӣ, 10 ҳазору 137 нафар ба кор қабул карда шуданд.

Самти ташаккули захираи муносиби кадр «zaxira.argos.uz» ба кор шурӯъ кард. 1000 нафар номзад ба захираи кадрҳои салоҳиятнок аз ҷумлаи ёварони ҳоким, пешвои ҷавонон ва зану духтарони фаъоли маҳалла интихоб мегарданд. 145 нафар номзад, ки дар фаъолияти меҳнатӣ дастовардҳои хуб ба даст овардааанд, бо тавсияи агентӣ ба вазифаҳо таъин карда мешаванд.

5730 нафар хидматчиёни зинаи поёнии кишварамон аз ҷониби агентӣ доир ба соҳаи маориф зиёда аз 100 курси такмили ихтисос иштирок намуданд. Ҳифзи ҳуқуқи хидматчиёни давлатӣ 4 омӯзиши комплексӣ ва 261 мониторинг гузаронида, 1792 вайронкуниҳои қонун ошкор карда шуд. 18 нафар гунаҳкор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданд.

Доир ба риояи нақшаи кор 1174 мақомоти корҳои дохилӣ санҷида шуд, маълум гардид, ки дар 163-тои он 540 нафар корманд дар рӯзҳои истироҳат ва баъд аз соати корӣ ба кори мачбурӣ ҷалб карда шудаанд.

Дар ҳоли ҳозир агентӣ оид ба пешбурди феҳристи давлатии мансабҳои хидмати шаҳрвандии давлатӣ, инчунин минбаъд такмил додани портали ягонаи кушод барои ҷойҳои холии хидматчиёни давлатии шаҳрвандӣ фаъолона кор мебарад.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

ҶАШНВОРАИ ҲАЗЛУ МУТОИБА ДАР БУХОРО

1 апрели соли ҷорӣ дар Бухоро ҷашнвораи анъанавии ҳазлу мутоиба – «Насриддин Афандӣ» ба амал омад.

Ба ин ҷашнвора, ки ба мақсади намоиш додани салоҳияти сайёҳии шаҳри Бухоро ва тарғибу ташвиқ намудани арзишҳои таърихии он баргузор мегардад, шавқу ҳаваси нафақат мизбонону меҳмонони маҳаллӣ, балки эътибори сайёҳони хориҷӣ низ беш аз беш меафзояд. Бинобар ин барномаи он низ торафт беҳтару рангинтар мегардад. Тадбири имсола бо қадамзании иштирокдорони ҷашнвора таҳти сарвари Насриддин Афандӣ аз мачмӯи Пойи Калон ибтидо гирифта, то мадрасаи Нодир Девонбегӣ давом кард. Савту сурудҳо, пайкараҳои рамзии қаҳрамонҳои миллӣ – лӯхтакҳои хурду калони зебо диққати ҳозиронро ҷалб карданд. Маросими рамзии кушодашавии ҷашнвора дар назди мадрасаи Нодир Девонбегӣ сурат гирифт. Ҷонишини ҳокими вилоят Ботирҷон Шаҳриёров дар бораи аҳамияти ҷашнвора, таърихи ташкилшавии он сухан ронда, сипас ҳозиронро бо Рӯзи ҳазлу мутоиба самимона муборакбод намуд.

Барномаҳои консертӣ файзи ҷашнвораро афзуда ба иштирокдорони тадбир кайфияти идона бахшиданд.

Шомгоҳ дар доираи ҷашнвора назди мачмӯи Гавкушон озмуни «Таомҳои шарқӣ» баргузор шуд. Дар он намояндагон аз шаҳру ноҳияҳои вилоят низ иштирок карданд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар
вилояти Бухоро.

Муносибатҳои байнимиллӣ ва таҳаммулпазирӣ яке аз мавзӯъҳои муҳими рӯз ба шумор меравад. Воқеаҳои иҷтимоиву сиёсии имрӯза собит месозад, ки бо суръати баланд афзоиш ёфтани иқтисодиёти баъзе мамлакатҳо ва дар осудаҳолӣ умр ба сар бурдани аҳолии онҳо бевосита аз ба чунин тамоюлҳо таваҷҷуҳ додани ин мамлакатҳо вобаста аст.

ТАҲАММУЛПАЗИРИИ ДИНӢ ДАР МУҲОКИМАИ КОРШИНОСОН

Дар пойтахт бо ташаббуси Маркази бозомӯзии журналистон ва шуъбаи идораи «Search for Common Ground» дар Ӯзбекистон таҳти мавзӯи «Нақши ВАО дар инъикоси масъалаҳои таҳаммулпазирии динӣ ва мазҳабӣ дар Осиёи Марказӣ» анчумани байналмилалӣ баргузор гардид.

Дар ҷамъомад намояндагони институтҳои ҷамъияти шаҳрвандиву мақомоти манфиатдори давлатӣ, рӯзноманигорон, блогерҳо, коршиносон аз мамлакатҳои ҳамсояи Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон иштирок намуданд.

Дар он директори Бунёди ҷамъиятии дастгирӣ ва рушди васоити ахбори оммавии миллӣ Акрамҷон Фозилҷонов, намояндаи идораи USAID дар Ӯзбекистон Фэй Хаселкорн, роҳбари шуъбаи Ассотсиатсияи байналмилалии ғайритиҷоратӣ «Search for Common Ground» Кенешбек Сайназаров, муаллими калони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Виркани Музаффар ва дигарон ширкат варзиданд.

Иштирокдорон доир ба «Масъалаҳои таҳаммулпазирии байнидинӣ ва мазҳабӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ», «Нақши дин, муколамаи ҷамъиятӣ ва байнимазҳабӣ дар ҷомеаи бисёрфарҳангӣ», «Равишҳои амалӣ ҷиҳати инъикоси масъалаҳои озодии дин ва таҳаммулпазирӣ», «Меъёрҳои ахлоқиву байналхалқии инъикоси мавзӯъҳои динӣ дар ВАО», «Канорагирӣ аз забони сохтаву адоват ҳангоми инъикоси мавзӯи дин» фикру андешаҳои худро иброз доштанд.

Н. НОДИРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

САЛОМАТӢ АЗ НИГОҲИ «БУХОРОИ ШАРИФ»

Инсони сиҳҳату солим ва бомаърифат нерӯи ҳар гуна ҷомеа ва давлат аст. Тарбияи инсони комил, солиму бомаърифат ғояи умумибашарӣ, орзуи банӣ одам аст. Ин ғоя дар осори баландпояи ниёкони мо аз «Авасто»-ву Рӯдакӣ то асарҳои эҷодкорони имрӯз рушду нумӯ ёфтааст. Зеро шахси комил ояндасози ҷамъият ва давлат мебошад. Дар таъмин гардидани бунёди имконот ва муҳайёшудани шароити тарбияи шахси комил сохтор ва сиёсати давлатдорӣ мавқеи муҳим дорад.

Аморати Бухорои мутлақа дар ибтидои асри ХХ давлати қашшоқ, ақибмонда буд. Аҳолӣ вазъи ночори иҷтимоӣ дошт. Кӯчаҳо ифлос, ҳолати санитариву гигиенӣ хароб буданд. Дар чунин вазъ, албатта, тандурустии мардум халалдор мешуд, он боиси пайдоиши ҳар гуна беморӣҳо мегардид. Равшанфикрон, ҷадидон, бахусус дастандаркорони рӯзномаи «Бухорои шариф» нисбати ин ҳама ноҷӯриҳо бефарқ набуданд, дар саҳифаҳои рӯзнома пайи ислоҳи вазъи аморат саъю талош намуда, мақолаҳо дарҷ мекарданд.

Дар саргаҳи ин ҳаракат Мирзо Сироҷи Ҳаким қарор дошт. Мирзо Сироҷ соли 1877 дар Бухоро дар оилаи савдогар ба дунё омадааст. Падараш дар баробари таълим дар мактаби ибтидоӣ ба писараш забонҳои аврупоиро омӯхтааст. Мавсуф фанҳои дақиқро хуб азбар мекунад, забони арабию адабиёти форсу тоҷикро мустақилона меомӯзад. Пас ба тиҷорат машғул мешавад. Даҳ сол дар мамлакатҳои Осиёю Аврупо сафар мекунад. Дар Аврупо илми тибро меомӯзад ва ба дарёфти унвони Ҳаким муваффақ мегардад. Асарҳои машҳури ӯ «Туҳфаи аҳли Бухоро» ва «Саёҳатнома» ҷамъбасти таассуроти сафар ва бардошту хулосаҳои адиб аз дидаву шунидаҳояш мебошанд:

Чист сафар? Мояи илму ҳунар.
Чист сафар? Таҷрибаи хайру шар.
Ҳаст сафар мояи анҷомҳо,
Ҳаст сафар пухтакуни хомҳо.
Ҳар кӣ сафар кард, хӯрад заҳру қанд,
То ки шавад комилу ҳам ҳушманд.
Ҳар ки аз ин шарбати мо нӯш кард,
Кашмакаши даҳр фаромӯш кард.
Он чӣ дар аснои сафар дида шуд,
Бе каму нуқсон ҳама вочида шуд.

Мирзо Сироҷ яке аз таъсисдиҳандагон ва фаъолтарин хабарнигорони рӯзномаи «Бухорои шариф» буд. Ӯ тамоми дороии худро ба таъсис ва нашри ин рӯзнома сарф кардааст. Бо ташаббуси Мирзо Сироҷ дар рӯзнома нашри рукни «Ҳифз-ус-сиҳҳат», аз шумораи 13 (26 марти соли 1912) оғоз ёфта, таҳти ин рукн тақрибан дар ҳар як шумораи рӯзнома гузоришоти ӯ чоп ва мавриди истиқболи гарми хонандагону алоқамандони рӯзнома гардидааанд.

Мирзо Сироҷ тозагиро гарави саломатӣ меҳисобид. Мақолаи ӯ «Муколама бо ҳаммомӣ» (№49 аз 8 майи соли 1912) далели андешаҳои болоист. Муаллиф аҳамияти ҳаммомро ба саломатии инсон таъкид намуда, бунёди гармобаҳои навро дар шаҳри Бухоро пешниҳод кардааст.

Мақолаҳои рукни «Ҳифз-ус-сиҳҳат» моҳияти илмӣ доранд. Дар онҳо роҳу усулҳои мушаххаси шифои беморӣҳои гуногун тавсия шудааанд. Дар шумораи 35-и рӯзнома (аз 20 апрели соли 1912) бемории дил ва пешгирии он, дар шумораи 29 рӯзнома аз 13 апрел таркиби хун тавсиф гардида, оид ба глобулҳо (глобунин) маълумоти дақиқ дода шудааст. Дар саҳифаи мазкур бобати беморӣҳои чашм ва роҳҳои пешгирӣ намудани онҳо маслиҳатҳои муфидро пайдо мекунед.

Мирзо Сироҷи Ҳаким пайваста меомӯхт, дониш ва маҳорати тиббии худро такомул медод ва ҳамеша аз навгониҳои илми тибби Аврупо бархурдор буд. Мо дар шумораи 21 рӯзнома аз 15 апрел ба ахбори ачибе дучор омадем, ки андешаи болоиро тақвият мебахшад. Муаллиф огоҳ менамояд, ки доруи «106» зидди бемории «сифлис» (бемории аврупоӣ – таъкид аз Мирзо Сироҷ) мавҷуд буд. Табиб ва профессори машҳури олмонӣ Ирлих навъи нави доруи бемории фавқро бо унвони «914» ихтироъ кардааст. Боиси таассуф аст, ки имрӯз ин гуна беморӣ баъзан дар сокинони кишвари мо низ дучор мегардад. Орзуву ниятҳои равшанфикрону ҷадидони ибтидои садаи ХХ чун Мирзо Сироҷи Ҳаким дар зиндагии осоиштаву ободу фаровони кунунии мардуми шарафманди мо бештар амалӣ мешаванд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

ХАБАРҲО

Ҳамкорӣ самара мебахшад

Ҳамкориҳои ба ду ҷониб манфиатбахши Ӯзбекистон ва Чин, дар навбати аввал, баҳри баланд бардоштани ҷозибанокии сармоявии байниҳудудӣ хидмат менамояд. Алҳон дар вилояти Фарғона бо иштироки сармояи Чин 157 корхона фаъолият мебарад.

Агар соли гузашта ба амалӣ гардондани як қатор лоиҳаҳо ба андозаи 537,6 миллион доллари амрикоӣ сармояҳои хориҷӣ азхуд шуда бошанд, аз он 318 ҳазор доллар ба ҳисоби сармоягузории бевосита мувофиқ меояд. Дар солҳои 2024-2026 таҳти ҳамкорӣ бо Чин ба амал баровардани 31 лоиҳа ба нақша даромадааст, ки арзиши умумиаш 2 миллиарду 471,5 миллион доллар мебошад.

Январи соли равон намояндагии вилояти Фарғона таҳти роҳбарии ҳокими вилоят ба ҶМЧ рафта, бо фаъолияти яке аз калонтарин ширкатҳои ба истеҳсоли мошинҳои пахтачин ихтисосонидашуда шинос шуда буд.

Тавре маълум, дар ҷумҳуриамон баҳри коҳиш додани меҳнати дастӣ дар ғунучини пахта ва ташкил кардани шакли механизатсия шудани чинак ҳаракатҳо самара мебахшанд. Инак, шартномае, ки ҷонибҳо имзо гузоштанд, ба амал татбиқ ва баробари васлнамоии қисмҳои аз Чин овардашудаи мошинҳои пахтачинӣ дар Фарғона хидмати техникӣ ва маркази таълими механизаторҳо ба роҳ гузошта мешавад. Дар чорабиние, ки ба муносибати оғози кор ба амал омад, вакилони идоракунии ширкати чиной, ҳокимони як қатор ноҳияҳо, роҳбарони кластер ва хоҷагиҳои фермерӣ иштирок намуданд.

Савдои хориҷии Ӯзбекистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ

Назар ба маълумоти сарчашмаҳо, Ӯзбекистон робитаи тиҷоратиро бо як қатор кишварҳои дунё, минҷумла, бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ торафт самарабахштар ба роҳ мегузорад.

Ҳаҷми савдои берунии мамлакати мо аз рӯйи ҷамъбасти моҳи январ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ 982,9 миллион долларро ташкил намуд, ки ин 9,9 фоизи ҳаҷми умумии савдои беруниро ташкил менамояд. Ҳаҷми экспорт – 320,1 млн, ҳаҷми импорт 662,8 млн. долларро ташкил кард. 59 фоизи гардиши тиҷоратӣ ба ҳиссаи Қазоқистон, 19 фоиз ба ҳиссаи Туркманистон, 12 ва 10 фоиз ба ҳиссаи Тоҷикистону Қирғизистон рост омад.

Натиҷаи рекордии Нодирбек

Шоҳмотбози 19-солаи ӯзбекистонӣ Нодирбек Абдусатторов аз рӯйи ҷамъбасти моҳи март дар рейтинги FIDE ба ҷойи чаҳорум баромад.

Ҷойи аввалро Магнус Карлсени норвегиягӣ (бо 2830 хол) ва ҷойҳои дуюму сеюмро шоҳмотбозони амрикоӣ ишғол намуданд.

Натиҷаи Н. Абдусатторов дар Ӯзбекистон рекордист, ки 2765 хол ҷамъ овард. То вай Рустам Қосимҷонов бо 2715 хол баландтарин натиҷаро ба даст оварда буд.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст

МАСКАНИ ТАРҒИБГАРИ МАЪНАВИЯТ

Дар китобхонаи мактаби рақами 83-юми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё, ки сарварии он ба дӯши марди донишманду заҳматкаш Турдиқул Ҳасратов аст, тамоми шароит барои китобхонӣ мавҷуд мебошад.

Китобдори мактаб Мавлуда Усмонова байни мактабиён китобхониро тарғиб намуда, мунтазам озмунҳои гуногунро мегузаронад. Имрӯз, ки тӯри интернет тамоми аҳли башарро ба доми худ кашидааст, дар ҳоли пайдо нашудани китоби даркорӣ бо кумаки ин китобдор ниёзмандон онро аз фазои маҷозӣ ҷустуҷӯ менамоянд.

Умедворем, таълиму таҳсил дар чунин мактабе, ки чунин устодони ғамхору меҳрубон ва адабпарвар дорад, гарави иқбол ва пешрафти толибилмон хоҳад гардид.

Дар акс: *донишомӯзони мактаби таълими миёнаи умумии шумораи 83-юми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.*

ДАР МАКТАБИ НАМУНАВӢ

Тақдими туҳфаҳо ба ғолибони озмуни «Дасти дуои модар» ва ифтихорномаҳо ба коршинос ва маъмурони гурӯҳи иҷтимоии «Тоҷикони ҷаҳон» дар деҳаи Сариҷӯйи ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё баргузор гардид.

Ҳангоме ки мактабиёни рақами 82-юми ноҳия шеър мехонданд, ё сухан мегуфтанд, боз ифтихори мо аз миллати номдору тоҷдори худ бештар гардид. Банда ҳамчун раҳбари шабакаи иҷтимоӣ бо чандин мактаби таълимашон бо забони тоҷикӣ дар ҷумҳуриамон ҳамкорӣ дорам, вале то ба имрӯз мактаберо мисли мактаби рақами 82-юми деҳаи Сариҷӯй надидам. Синфхонаҳои мактаби мазкур бо тамоми техникаи замонавӣ ҷиҳозонида шудааст. Дарсҳо бо усули мултимедия мегузаранд ва дар ҳар як синфхона телевизорҳои ранга васл карда шудааанд.

Салим ИНЪОМЗОДА.
Вилояти СУРХОНДАРЁ.

НОМА БА АСОСГУЗОРИ РАСАДХОНАИ САМАРҚАНД

Астрофизики машҳури Швейтсария, лауреати мукофоти Нобел оид ба физика, соҳиби даҳҳо унвони байналхалқӣ, профессори Донишгоҳи Женева Мишел Майер бо камоли эҳтиром ба таклифи роҳбари лоиҳаи умумимиллии «Инсон. Фарҳанг. Сулҳ»-и Маркази илмӣ-маърифати назди Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд Анатолий Ионесов ба иштирок дар анҷуманҳои фарҳангӣ ва илмӣ розигӣ дод.

Бояд таъкид намуд, ки соли 1995 Мишел Майер бо яке аз шогирдонаш Дидё Кёло берун аз системаи Офтоби мо, дар меҳвари роҳи бузурги Каҳкашон давр задани сайёраи навро кашф карда, мукофоти Нобелро гирифта буд.

Мишел Майер ба Анатолий Ионесов ғайр аз арзи сипос аз Женева боз номаи худро бо роҳи хаёл ба мунаҷҷими Шарқ – Мирзо Улуғбек ирсол кардааст, ки матни он чунин мебошад:

«Шахсан ба шаҳаншоҳи астрономия Мирзо Улуғбек! Чӣ гуна зебо, пурҷозиба тасвири аспҳои болдор (пегас) дар осмони лоҷуварди Самарқанд дар замони ҳукмронии ту! Маҳз ҳамин гӯшаи фалакиёт ба дили ҳассоси ман наздик аст, ки 51 аспи болдор кашф шудааанд. Аз қаъри асрҳо мо хотири неки туро дар қалб нигоҳ медорем, ту пайдо кардани онро дӯст медоштӣ. Ман хеле мехостам бо ту суҳбат ороста, иттилоъ диҳам, ки мо хеле пеш рафтем.

Ба ту, Улуғбек, ба кашфиёти ту мафтун ҳастем ва ифтихор мекунем.

Бо камоли эҳтиром, профессори Донишгоҳи Женева, соҳиби ҷоизаи Нобел Мишел Майер».

Бояд хотиррасон намуд, ки бо ташаббус ва дастгирии Академияи улуми Ӯзбекистон ва ширкати «Эриэлл» асари безаволи Мирзо Улуғбек «Зиҷи Кӯрагонӣ» аз нусхаи асл – тоҷикӣ ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ, англисӣ ва хитоӣ тарҷума шудааст.

Набераи дӯстдоштаи Амир Темур Муҳаммад Тарағай 22-уми марти соли 1394 дар шаҳри Султонияи Эрон чашм ба олами ҳастӣ кушода, соли 1449 дар Самарқанд бо фатвои руҳониён ва писараш Абдулатиф фоҷиавӣ кушта шуд.

Мирзо Улуғбек ба сифати арбоби давлатӣ ва маърифатпарвар машҳур буд. Ӯ дар Самарқанд мадраса созонд, ки дар он алломаҳо Қозизодаи Румӣ, Алии Қушчӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон мударрис буданд.

Боз як хидмати шоёни ӯ ин аст, ки дар мавзеи Кӯҳак, назди наҳри Оби Раҳмат расадхонае дар шакли устувона (силиндр) бунёд гардидааст, ки аз се қабат иборат буд. Олимону пажӯҳишгарони расадхона бо асбобу анҷоми худ кунҷи байни хати экватор ва минтақатулбурҷ (эклиптика) давомати соли тропикиро дақиқ санҷида, ҳаракати сайёраҳо ва Моҳро чен кардааанд.

Афсӯс, ки руҳониён ва баъзе кӯрдилони бемаърифат осорхонаи Мирзо Улуғбекро несту нобуд карданд. Хушбахтона олими рус В. Л. Вяткин (1869-1932) дар асоси хуччатҳои таърихӣ ҳаробаҳои расадхонаро ёфт.

Ҳоло расадхонаи Мирзо Улуғбек яке аз зиёратгоҳи асосии Самарқанд буда, ҳар рӯз садҳо нафар сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ аз он дидан мекунанд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

Фармон ва иҷро

МЕВАИ САБР ШИРИН АСТ

Ҳикоёт аз «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ доир ба сабр: «Овардааанд, ки рӯзе яке аз умаро пеши подшоҳе истода буд ва шоҳ ба ӯ дар муҳиме мушоварат мефармуд. Қазоро каждуме дар пероҳани ӯ афтода буд ва ҳар соат амирро мегазид ва бо неши заҳролуди худ зарар мерасонд. Ва он амир мутлақан дар он мушоварат қатъи сухан накард ва тағйироте дар ӯ зоҳир нашуд ва суханаш аз қонуни ақлу ҳукумат инҳироф наёфт. То ба хона омад ва он каждумро аз ҷома берун кард. Ин хабар ба подшоҳ расид, мутааҷҷиб ва мутаҳаййир гашт. Рӯзи дигар, ки амир ба мулозимати султон омад, фармуд, ки дафъи зарар аз нафс воҷиб аст. Ту чаро дирӯз озори ақрабро аз худ мундафеъ насохтӣ? Ҷавоб дод, ки ман он наям, ки шарафи муколамаи чун ту подшоҳеро ба сабаби алами захри каждуме қатъ кунам ва агар имрӯз дар маҷлиси базм бар неши каждуме сабр натавонам кард, фардо дар маъракаи разм ба теғи заҳробдодаи душман чӣ гуна сабр тавонам кард?

Подшоҳро ин сухан хуш омад ва мартабаи ӯро баланд гардонд ва бад-он микдор сабр, ки кард, ба муроду мақсад расид».

Дар мамлакатамон ба масъалаи таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои занон, баланд бардоштани фаъолияти иҷтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо эътибори алоҳида дода мешавад. Кумитаи занон, маҳалла ва ташкилотҳои дигари ҷамъиятӣ бобати расондани кӯмак ба оилаҳои камтаъмин, дастгирии занону духтарони маъюб, пешгирии ҷудошавии оилаҳо, бо кор таъмин кардани онҳо як қатор корҳои назаррасро анҷом доданд. Аммо дар ин соҳа камбудиҳо ҳанӯз бисёранд.

– Яке аз мушкилии муҳими ҷамъият парокандашавии оилаҳо мебошад, ки солҳои охир шумораи онҳо беш аз пеш меафзояд. Санҷишҳо нишон медиҳанд, ки муросо накардани зану шавҳар, хушдоману арӯс, бефарзандӣ, норасоии хонаву ҷой боиси ҷудошавӣ мегардад. Бино ба таъмини иҷрои фармони Президент «Дар бораи чораву тадбирҳои иловагӣ доир ба такмил додани фаъолияти кумитаи занону духтарон ва оила», аз 21 декабри соли 2023, ба мақсади пешгирии низоъ ва ҷудошавиҳо, омӯхтани сабабҳои он, кУмак ба фаъолияти Комиссияи оштӣ дар вилоят гурӯҳи корӣ созмон дода шуд. Ба мутасаддиён доир ба мустаҳкам кардани оила, пешгирии ҷудошавиҳо, ҷиноят аз ҷониби занон, ба ҷони худ қасд кардани онҳо барин мушклоти оилавӣ вазифаҳои мушаххас супурда шуданд, – гуфт ҳамсуҳбати мо раиси Кумитаи бонувон ва ҳифзи оилаи вилояти Навоӣ Малика Маҳмадёрова. – Мушовирони доир ба масъалаҳои дину маърифати маҳаллаҳои ноҳияҳои Фозғон, Нурато, Конимех ва дигар минтақаҳо якҷо бо фаъолони маҳаллаҳо ба ҳар як оила сар халонда, бо мушкилот, шароити зист, саломатии модару кӯдак, шуғли онҳо бо соҳибкории оилавӣ аз наздик шинос шуданд.

(Давомаш дар саҳ.4).

Хайриддин СУЛТОН

ГУЗАРГОҲИ ДИЛ

1. «Номи додараш чӣ буд?»

Адабиётшинос, профессор Умаралӣ Норматов инсоне буд нармдил ва нармсухан.

Домулло рӯзе дар шуъбаи ғоибонаи факултаи филологӣ аз донишҷӯён имтиҳон мегирифтааст. Зани миёнсоле ба ягон савол ҷавоб дода натавониста, ғарқ ба дарёи хиҷолат аст. Ба либоси одӣ ва қиёфаи аз пардоз холии зан разм монда, устод фаҳмидааст, ки вай аз деҳа. Аздусар ду-се фарзанд дорад, ба замми ин ҳомила менамояд.

Ба донишҷӯе, ки мулзам метофт, тараҳҳумомез нигариста, бо илоҷе «се» мондани шудааст.

– Хоҳарам, саросема нашавед, – даҳон кушодааст Умаралиака, – дида истодаам, тайёрӣ дидаед, андак дар ҳаяҷонеду халос. Ман ба шумо як саволи одӣ медиҳам, ҷавоб диҳед шуд, аз имтиҳон мегузаред, хуб?

– Раҳмат, – гуфтааст донишҷӯ саросема.

– Канӣ, гӯед, повести «Афсонаҳо аз гузаштаҳо»-и Абдулло Қаҳҳорро хондаед? – пурсидааст устод.

Зан фикр карда мондааст. «Нахондаам» гӯяд аз имтиҳон меафтад, «хондаам» гӯяд...

– Хондаед, албатта, хондаед, албатта, хондаед, – гуфтааст Умаралиака ба ӯ тасаллӣ дода, – ин асар дар барномаи мактабӣ ҳам ҳаст. Хуб, қаҳрамони асосии қисса чӣ ном дошт?

Яке аз ҳамкурсон, ки дар аудитория менишаст, ба домулло нафаҳмонда, оҳиста ба портрети дар девор овезони Абдулло Қаҳҳор ишора кардааст.

– Абдулло Қаҳҳор, – гуфтааст донишҷӯ ба обу арақ ғарқ шуда.

– Ҳа, бале. Гуфтам-ку, хондаед, медонед, – домулло мамнун шудааст. – Хуб, акнун гӯед, қаҳрамони асосӣ як додар дошт, чӣ буд номи кӯдак?

Зан бо ҷабини пурчин боз дурудароз ба фикр рафтааст.

– Ба ёд оред, ба ёд оред, – кӯмак кардан хостааст домулло. – Додари хурдсолаш бемори вазнин, табиб мефармояд оби ҷигар, кабобро ба даҳонаш чакондаанд. Ба хотиратон расид? Вале ҳарчанд сахт ҳаракат карданд падару модараш, кӯдаки бечора бо азоб ҷон таслим кард... Хӯш, номи ана ҳамон қаҳрамон чӣ буд?

Зани донишҷӯ имдодталаб ба атроф нигаристааст. Ҳамон ҳамкурс оҳиста ба домулло ишора кардааст. Зан нобоварона ба вай бо нигоҳи суол нигарад, ҳамкурсаш бо сарҷунбонӣ сухани худро тасдиқ кардааст.

– Хӯш, ёфтед? – пурсидааст Умаралиака.

– Ёфтам, ёфтам! – гуфтааст бо шодӣ донишҷӯ.

– Хӯш, чӣ будааст номи ҳамон қаҳрамони шӯрпешонӣ?

Зан бо тантана:

– Умаралӣ Норматов! – гӯён хитоб кардааст.

Касе, ки «Афсонаҳо аз гузаштаҳо»-ро хондааст, медонад: номи қаҳрамон ҳақиқатан ҳам Умаралӣ, вале Умаралӣ Норматов нест.

2. Дузд

Рассоми мардумии Ӯзбекистон Чингиз Аҳмаров аз рӯйи кор ба нашриёт омада меистод. Дафъае бо қиёфаи маҳзун шикоят намуд:

– Шаб ба квартираам дузд даромадааст. Ман дар статсионар муолиҷа мегирифтам, чун фаҳмидааст хона беодам, дарро шикаста даромадааст.

– Хайрият худатон набудаед, – гуфтам таскиномез, – набошад як кору ҳол мешуд...

Ба милиса хабар надодед?

– Ҳа, бо сагаш омада санҷида рафт, – гуфт Чингизака.

– Бисёр чиз бурдааст?

– Соат, қошуқи тилло, вилкакорд, ваза барин чизҳо нест. Як плашро ҳам бурдааст. Хеле картинаҳо доштам, аз чӣ бошад, ба онҳо даст нарасондааст, – гуфт рассом бо оҳанги андӯҳ.

– Э, дузд картинаатонро ба сараш мезанад? – гуфтам ман аз содагӣ.

Чингизака бесухан аз ҷо бархест ва сардакак хайрухушкунон, аз хона баромад.

Баъд фаҳмам, ҳар як рассом дар дил орзу мекардааст асари офаридаашро бидузданд, ин ба вай обрӯ ва шарафи калон ҳисоб мешудааст.

3. «Телефон кор мекунад – гӯш кор намекунад»...

Дар солҳои охири ҳаёташ Чингизака дастнависи китоби хотираҳояшро ба нашриёт оварда супурд. Ба ӯтоқи корӣ таклиф кардам.

Чой рехта додам.

Устод-мусаввир барои ба ошёнаи чаҳорум пиёда баромаданаш каме монда шудааст. Раҳмат гуфта чойро нӯшид.

Баъд аз саломатиаш шикоят кард, гӯшаш нағз нашуниданашро низ гуфт.

Ба вай раҳмам омада:

– Чингизака, овора шуда ба нашриёт омада нагардед. Чӣ фикратон бошад, бо телефон гӯед. Ман ҳам гапам бошад, занг мезанам, хуб? – гуфтам. – Дар хона телефон кор мекунад?

Чингизака каф ба паси гӯшаш ниҳода пурсид:

– Лаббай?

– Телефон кор мекунад-мӣ, мегӯям? – гуфтам садоямро баландтар карда.

– Ҳа-а... Телефон кор мекунад – гӯш кор намекунад, – гуфт рассом бо ханда.

4. Ветнам. «Атматов»

Оиди он ки Чингиз Айтматов чӣ тавр шуҳрати ҷаҳонӣ дорад, ҳоҷати сухан нест. Ман фикр мекардам адиб назар ба Қирғизистон дар Ӯзбекистон бештар машҳур аст. Вале соли 1985 бо намояндагии адибони шӯравӣ ба Ветнам рафта донистам, ки Айтматовро дар он ҷо аз ӯзбекистониён ҳам бештар дӯст медоранд. Мана исботаш.

Дар меҳмонхонаи Ханой, ки мезистем, Лан ном духтари зебое офитсиантӣ мекард. Рӯзе ба вай значоке туҳфа намудам, ки дар он Самарқанд тасвир ёфта буд. Вақте тарҷимон гуфт, ки ман аз Ӯзбекистон, чашмони пешхидматдухтар дурахшиданд. Вай гул-гул шукуфт ва «Атматов!» гуфт.

Воқеаи дувум дар Ҳошимин рӯй дод. Мухбири рӯзномаи ҷавонони шаҳр Нгуен Чон Кук ба як давраи адабӣ барои гирифтани интервю омад. Давра васеъ, дуямон паҳлӯи ҳам нишастаем. Аз он ки мутарҷим дар он тарафи давра буд, ҳар ду лабхандзанон бесухан менишастем. Ниҳоят, ӯ дастамро сахт фишурд ва «Киргизстан, Атматов!» гуфт. Ман хандида сар ҷунбондам.

«У!» гуфт вай бо ҳайрат, баъд хитоб намуд:

«Эдигей!» Ман гуфтам: «Авдий». «У, Ҷамила!» гуфт ӯ. «Танабой» гуфтам ман. «У-у, Момун!» гуфт вай. «Урозқул» гуфтам ман.

Хуллас, ҳамин тариқ мо номи қаҳрамонҳои Айтматовро такроркунон, «суҳбат»-и дилкаш оростем.

Дар ҳамин вохӯрӣ журнали адабиеро нишон доданд, ки дар он романи «Кунда» ба ветнамӣ тарҷума шуда буд. Аз чӣ бошад тарҷума аз қисми дувуми асар оғоз меёфт. Таҳпурсӣ кунем, ноширон бо лабханд эзоҳ доданд: ба тарҷумон даставвал ҳамин қисми роман афтодааст, зуд баргардонда, ба чоп додааст. Баъд қисмҳои дигарро ёфта, тарҷума намудааст...

5. «Танка»

Ҳикояи собиқ директори киностудияи «Ӯзбекфилм» Файзираҳмон Усмонов:

– Рӯзе роҳбарияти «Ӯзбеккино» супориш дод зуд ба Қароқалпоқистон равед, «Танка» ном филми бадеӣ ба сурат бардошта мешавад, тайёрӣ бинед.

Ёрдамчиёнро гирифта, ба Нукус парвоз кардам. Бинобар камии вақт ба хондани сенарий дастам нарасид. Аз номи асар фикр кардам кино дар мавзӯи ҳарбӣ бошад даркор. Ба округи ҳарбии он ҷо нома навишта, ба дасти худам бурда супурдам, генералро мешинохтам, одами хуб, илтимосамро, ки кӯмак мепурсидам, рад накард. Панҷ-шаш танк, БТР, БМП барин мошинҳо, аслиҳа, воситаҳои пиротехникӣ дар Нукус омода гашт. Барои ҳар эҳтимол як баталон аскар низ дар ҳолати омодагист.

Нисфишабӣ телефон занг зад. Саросема бардоштам. Роҳбари дар Тошканд будаам Мурод Муҳаммад Дӯст будааст. «Эй Файзираҳмон, Нукусро ба воҳима афтондаед, чӣ балоро сар кардед?» Гуфтам: «Мувофиқи супоришатон ба сёмкаи «Танка» тайёрӣ мебинем» гуфтам хоболудона. Муродака аввал хандид, баъд коҳишомез: «Эй, амон бошед, ба сенария ақаллан чашм надавондед? Зуд ба ҳарбиҳо «отбой» диҳед, гуфт.

Баъд сенарияро кушода хонам, он аввалин филми бадеии қароқалпоқӣ, мазҳака будааст. «Танка» воситачӣ, ҳомие будааст, ки кори одамонро буд мекунад...

(Давомаш дар саҳ.4).

ТАНҲО ЯК ҚАБЗА ХОК

ё худ қабри ғарибтарин шоири форсу тоҷик пас аз ҳафт аср низ ғариб мондааст

Боғи Камол дар маркази шаҳри Хуҷанд эҳтимол аз диданитарин маконҳои Тирози ҷаҳон бошад, ки хусусан қариб даҳ сол пеш дар ин ҷо пас аз қад афрохтани мақбараи рамзӣ, муҷассамаи барқад ва таъсиси Хона-музейи Камоли Хуҷандӣ он боз дилработар ва диданитар гардид. Аммо дар Табрез, мутаассифона, хокҷои шоири бузург мисли ин ки то ҳанӯз бесоҳиб ва хароб боқӣ мемонад.

Мақбараи рамзии Шайх Камол дар Хуҷанд.

Вақте бинанда аз самти шарқӣ, шафати дарёи Сир, ки он ҷо киштии рамзии қаҳрамони афсонавии миллии тоҷик Темурмалик низ дар соҳил гузошта шудааст, ба боғ ворид мегардад, аз охири домани он мақбараи рамзии боҳашамат ба назар бараҳло маълум мегардад, ки хеле шинам ва мисли нигине дар ин фароғатгоҳ аст. Ҳангоме ки ба ин шоҳкории ҳунари меъморӣ аз дуроҳаи тӯлонии бо раддаи гулҳо аз ҳам ҷудошуда наздик мешавед, дар тарафи рост – наздиктар ба дарё ҳайкали Шайх Камол намудор мегардад, ки хеле босалиқа ва ҳунармандона тарошида шудааст. Мақбара, ки ҳамагӣ чанд қадам аз муҷассамаи бо маҷнунбедҳо иҳоташуда ҷой гирифтааст, дар шакли мақбараҳои анъанавии бузургони дигарамон дар маҳалҳои гуногуни ҳавзаҳои адабиётамон бунёд гаштааст. Аммо ба назди он аз ҳама ҷонибаш бо зинаҳо баромадан лозим аст, ки ин пилапояҳо мисли тарҳи берунии ҳошияи гунбад ҳашт гӯша дошта, ҳар яки он ба сутунҳои ҷуфт такя мекунад, ки дар маҷмӯъ онҳо ҳашт сутунро ташкил менамоянд. Дар зери гунбади фирӯзаранги боҳашамат боз як мақбараи хурди заррингунбад ҷойгир карда шудааст, ки чандин тирезаи чӯбин дохили онро равшан менамояд ва мувофиқан қабри рамзии Шайх Камол маҳз дар ҳамин қафаси нақшину боҳаво ҷой гирифтааст. Дар лавҳаи мармарини девори берун мехонем: «Мушти хоки мадфани шоир аз Табрез дастрас шуда, 21 марти соли 2015 онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мақбараи рамзӣ гузоштаанд».

Дохилтар аз мақбара, дар кунҷи чапи боғ як майдони ангурзоре аст, ки шохҳояш баландтар аз қади одам сурӣ карда шудааст. Аз зери ин ангурзор гузашта, ба деворе мерасед, ки дар мобайнаш дари чӯбини қадимаи дутабақа дошта, дар саҳфаш навишта шудааст: «Хона-музейи Камоли Хуҷандӣ». Ба ростӣ, замоне, ки бори аввал ба ин музей омада будам, тааҷҷуб кардам, чунки чунин «хона-музей»-ро, ки соҳибаш чандин аср пеш вафот кардааст, бори аввал дида будам. Воқеан ҳам тасаввур карданаш мушкил – шахси таъриҳиҳ, ки аз ӯ ба ғайр аз шеър дигар ашёву дастмояе мерос намондааст, ба номаш хона-музей ташкил намудаанд?!

Осорхона аз остонааш аз «қадимият»-и худ дарак медиҳад. Дар ҳарду табақаи дар зулфонҳои алоҳида зада шудааст, ки яке аз дар хона будани мардина дарак медиҳад, дигаре – аз занак. Ин гуна даракдиҳӣ дар дари хонаводаҳо то сад-саду панҷоҳ сол пеш аз ин ҳанӯз вуҷуд дошт.

– Ин хонаҳо инъикосгари меъмории қадима мебошанд, – ба вазифаи роҳбаладии худ пардохт Таҳмина Тошматова, – ҳавлии музей аз ду қисм иборат аст: занона ва мардона. Ҳавлии мардона соҳиби меҳмонхонаи баҳорона ва зимистона ва низ таҳсилгоҳ мебошад. Қисми занона бошад, аз коргоҳ, анбори захира, инчунин мисли қисми мардона аз ду меҳмонхона иборат мебошад. Ошхонаи зимистона низ дар қисми занона ҷойгир аст.

Дар анборхонаи музей ҳар гуна меваҷот ва сабзавоти хушк, гӯшту қазӣ, дигар анвои хӯрданӣ захира карда шуда буд, ки онҳо бояд аз намунаҳои ғизои давраи Шайх Камол ва шеваи зиндагии он тасаввурот ҳосил намоянд.

Дар меҳмонхона бошад, ғайр аз сандалии муқаррарӣ, ашёҳои дар тоқчаҳои бари девор чидашуда диққатро ҷалб мекард.

– Аз ин ашёву василаҳои рӯзгор ҳеч кадоме аз рӯзгори шоир боқӣ мондааанд? – суол кардем аз Таҳмина.

– Тамоми ин ҷиҳозу ашёҳое, ки мебинед, аз мардум ҷамъоварӣ карда шудааст. Аксарияти онҳо қадимӣ ҳастанд, – мегӯяд роҳбалади музей.

Ин ходими музей дар бораи он ки «ҳоло маҳалли таваллуди шоир дар шаҳр маълум аст ё не», мегӯяд, ки дақиқ нест, лекин аниқ аст, ки ин ҷо нест.

Бо дари чӯбин ба ҳавлии берун – боғ мебароем, ки дарахтони гуногун онро дар тирамоҳи гузашта низ хеле дилнишин кардаанд ва Таҳмина бо илтифот аз меваи хурмо чанд дона канда, ба мо дароз кард: «Ин табаррукӣ».

Роҳбаладамон қисса мекунад, ки дар меҳмонхонаи занона барои духтарон ҳунарҳои гуногун, аз ҷумла шерозадӯзӣ, тоқидӯзӣ, сӯзанидӯзӣ омӯзонда мешавад ва дар ин ҷо дутор ҳам ба чашм мерасад, ки ба қавли роҳбалад, занон дар даврони шоир ҳам вақти фароғат базмороӣ мекардаанд.

Бинои хона-музейи коҳгилӣ ё каҳлоӣ то имкон ҳаст, аз маишат ва усули рӯзгори Хуҷанди асрҳои миёна далолат ва тасаввурот медиҳад. Дар зодгоҳ Шайх Камол воқиан пас аз қарнҳо қадр ёфтааст. Ба ғайр аз ин чорбоғи пурвусъат, номи театри асосии вилоят, муҷассамае дар хиёбони марказӣ ва боз даҳҳо муассисаву маконҳои фарҳангӣ номи маъруфтарин фарзанди Хуҷандро дорад.

Аз шарҳи ҳоли Камолиддин Масъуд маълум аст, ки ӯ пас аз сарсониву саргардониҳо бо амри сарнавишт ва осори талхи муғултозиҳо дар Табрези Эрони имрӯза дар ғарибӣ фавтидааст.

Дар ин замина аз ходими музей савол кардем, ки «ғайр аз як қабза хок аз ҳаёти табрезии шоир дар ин ҷо нишонае ҳаст?»

– Дигар чизе нест. Медонед, дар Табрез хокҷойи Камоли Хуҷандӣ аниқ нест. Он ҷо ду қабр ҳаст, ки ҳардуи онро «Дукамола» ном мебаранд. Гап дар сари он аст, ки наққоши бузурги асри XV-XVI Камолиддин Беҳзод низ дар Табрез дафн шудааст ва ба далели ҳамномӣ ҳарду қабрро якҷоя «Дукамола» мениманд. Рӯй ва атрофи гӯр ҳам мисли дигар аҳли қабр хокӣ ва оддӣ мебошад, – мегӯяд Таҳмина Ташматова.

Бо вуҷуди он ки Беҳзод пас аз ним асри вафоти Шайх Камол таваллуд ёфтааст, дар маҳалли дафни онҳо Волиёнкӯҳ чунин иштибоҳе роҳ ёфтааст.

Мо аз оромгоҳҳои Ҳофизу Саъдӣ дар Шероз, Хайёму Аттор ва Фирдавсиву Ҳоҷу дар шимоли Эрон медонем, ки мақбараҳои онҳо бо чӣ гуна ҳунари нафису нотакрор қад афрохтаанд, аз ин боис наметавон гуфт, ки дар Эрон бузургони адаби оламгири форс-тоҷик қадр намегарданд. Маълум мегардад, ки қабри ғарибтарин шоири адабиётамон мисли худаш то ҳанӯз ғариб боқӣ мемонад. Барои ин лозим аст, ки аввал қабрҳои ду нафар нобиғаи дақиқ карда шавад. Магарам барои ин боз як Герасимови дигар ва Айнии дигар лозим аст то дақиқ намоянд, ки кадоме аз ин «Камол»-ҳо Хуҷандианду кадоме ҳиротӣ. Вагарна аз қаъри қарнҳо ин шиква ва нолаи бароямон маълуми шоир таъқибамон кардан мегирад:

Дар Хона-музейи шоир.

Дил муқими кӯйи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб,
Чун кунад бечораи мискинтани танҳо ғариб.

Тоҷибой ИКРОМОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
шаҳри Хуҷанд,ТОҶИКИСТОН.

Суратгир: Т. ХОВАРӢ.

ГУЗАРГОҲИ ДИЛ

(Аввалаш дар саҳ.3).

6. «Хонаи мо ба политбюро монанд аст»

Аз чӣ бошад директори хона-музей зуд-зуд нав шуда меистод.

Асное музей боз бероҳ-бар монд, Кибриёапа дар статсионар муолиҷа мегирифт.

Рӯзе вай ба корхонаам сим зада:

– Хонаи мо ба политбюро монанд шуда монд, – гуфт хандаомез.

– Яъне? – гуфтам маз-муни сухани ӯро дуруст нафаҳмида.

– Яъне саркотиб вафот кунад, дар политбюро барои соҳиб шудан ба ҷояш зуд ҷанҷолу кашокаш сар мешавад-ку, ба ҳамин монанд ходимони музей лавозими директориро талош мекунанд. Дар берун ҳам талабгорҳо мавҷуд. Баъзеҳо ба вазорат, баъзе ба идораи боз баланд-тар метохтаанд. Ҳатто баъзе нодонҳо назди ман меоянд. Намедонанд, ки дунё бевафо, кошкӣ ман як чизро ҳал кунам, – гуфт апа.

Бо ҳазлу мутоиба хайру-хуш намудем ва тақрибан баъди ду соат Кибриё Қаҳҳорова худаш гуфтагӣ дунёи бевафоро тарк на-муд...

7. «Дасти шеър менавиштагиаш не»

Ба идораи маҷаллаи «Муштум» барои дидани устод Неъмат Аминов рафта меистодам. Ӯву шоири суруднавис, иштирокдори фронт Зоҳидҷон Обидов, ки бо асобағал мегашт, дар як хона менишастанд.

Рӯзе ба редаксия рафта нигарам, мизи ҳамхонааш холӣ. Сабаби инро Неъматака нақл кард:

– Зоҳидҷонака дар манзилаш ба асобағал такякунон бо як дӯсташ телефонӣ суҳбат мекардааст. Дӯсташ латифаи аҷибтар гуфтааст аз афт, сахт хандида, як-бора мувозинатро гум карда афтидааст. Дасташ шикастааст, гипс кардаанд. Саҳл пештар дил пурсам гуфта занг занам, гӯширо янга бардошт. «Эй, янга-мулло, нағз нашудааст ба бечора Зоҳидакам», гӯям, медонед вай чӣ гуфт? «Вой, ташвиш накашед, Неъматҷонака, безарар, дасти чапаш шикаст, дасти шеър менавиштагиаш не...»

8. «Тарҷума накардааст-ку?..»

Соли 1991 ба муносибати ҷашни навбатии Алишери Навоӣ қарор кардем яке аз ғазалҳои машҳури ӯро ба забонҳои хориҷӣ тарҷума карда, дар шакли китоби алоҳида чоп намоем. Аз чаҳордаҳ ҷумҳурии бародарӣ шоирон-мутарҷимонро таклиф карда, дар хонаи эҷодии Дӯрмон ҷойгир сохтем. Онҳо дар ин ҷо як-ду ҳафта бо олимони навоишинос ва муҳаррирон дар болои тарҷума кор бурданд. Дар қатори онҳо як шоир – тарҷумони аз ноҳияи автономии Уйғури Чин омада низ иштирокдори фаъоли ҷараён буд.

Ниҳоят, дастнавис омода ва маҷмӯаи зебо аз чоп баромад.

Рӯзе ведомости барои пардохти ҳаҳи қалам мукарраршударо бардошта, сармуҳосиби нашриёт ба хонаам ворид гашт.

– Ман ба ин тарҷума ҳаҳ намепардозам, – гуфт ӯ ва яке аз саҳифаҳои он китобро кушода ба наздам гузошт.

– Барои чӣ? – пурсидам бо ҳайрат.

– Ба чияш ҳаҳ нависам, охир, тарҷума накардаа-ст-ку? – гуфт бухгалтер бо абрӯи чин.

– Канӣ, нигарем, – гуфтам китобро ба даст гирифта. Чашмам ба сатрҳое афтод, ки зерашон хати сурх кашида шуда буд:

Ўзбекиаш:
Жоно, жаҳон
жамолингга тасаддуқ...
Уйғуриаш:
Жино, жиҳан
жимолинга тасаддуқ...

Мисраъҳои дигари ғазал низ айнан бо ҳамин усул тарҷума шуда буданд.

– Апа, – гуфтам хандида, – забони ўзбекӣ ба забони уйғурӣ ниҳоят наздик бошад, дар ин ҷо айби мутарҷим нест. Тарҷума ҳамин. Ҳаҳ додан даркор.

– Вой, наход ин тарҷума бошад? – гуфт бухгалтер бо таҳҳуб. – Ин хел ман ҳам метавонам тарҷума кунам?!

Вай сар ҷунбонда-сар ҷунбонда, аз кабинет баромад.

9. «Гӯсфанд намонд»

Падари Ф. ном журналист, ки дар Тошканд кор мекард, аз дунё гузашта буд. Дӯстамон ният кардааст бахшида ба хотири падараш дар роҳи Худо эҳсон кунад. Ба додараш, ки дар хонаи падар истиқомат дошт, занг задааст:

– Ту аз бозор як гӯсфанди нағз харида мон, рӯзи шанбе, вақте ба деҳа рафтам, пулашро медиҳам.

Додараш фикр карда мондааст:

– Майлаш-ку, ако, лекин ҳамин... гӯсфандро худатон аз Тошканд меовардед, хуб мешуд-да.

– Чаро? – пурсидааст бародар бо ҳайрат. – Пулат нест?

– Пул ҳаст-куя, – гуфтааст додар хиҷолаткашон, – фақат дар ҳеҷ кӯҷо гӯсфанд нест.

– Барои чӣ нест? – дучанд ҳайратзада шудааст дӯсти мо.

– Ако, магар нашунидед, ба наздикӣ ҳокими вилоят аз кор рафт-ку?

– Хӯш, равад рафтагист, ин ба гӯсфанд чӣ алоқа дорад? – чизе нафаҳмидааст бародараш.

– Баъде ҳоким сабукдӯш гашт, аҳли вилоят хурсанд шуду дар ҳар деҳаву шаҳр гӯсфанд кушта худойкунӣ сар шуд, барои ҳамин ягон гӯсфанд намонд, – ҷавоб додааст додари дӯсти ман.

Тарҷумаи
Муҳаммад ШОДӢ,
аз китоби «Навоӣ-30».

МЕВАИ САБР ШИРИН АСТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ба ҳаёти оила тайёр набудани ҷавонон, беэътиборӣ ба саломатии онҳо, бемасъулиятӣ ба тарбияи фарзанд, вазифаи модариро дарк накардани духтарон ва моҷароҳои хушдоману арӯс сабаби пароканда шудани оилаҳо мегардад.

Доир ба ин мавзӯъ бо занони пурдида ва соҳибтаҷрибаи деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато суҳбат орастем.

– Дар деҳаҳои Сойихурд, Эҷ ва Симбулоқи ноҳияи Нурато беш аз 900 нафар занону духтарон зиндагӣ мекунанд. Ҳангоми омӯхтани шикоятҳо маълум гардид, ки аксар ҷавонон бо сабабҳои ночиз аз якдигар ҷудо мешаванд, – мегӯяд масъули кор бо занону духтарон, мустаҳкам намудани арзишҳои маънавию ахлоқӣ дар оила Дилафрӯз Тилабова. – Масалан, шикояти хушдоман нисбат ба арӯс: «Келинам танбал, ягон кор аз дасташ намеояд, модараш ягон ҳунарро ёд надодааст, то нисфирӯзӣ хоб мекунад», «ба тӯяш як сол шуда бошад ҳам, пойгарон намешавад», «модараш сарупои дуруст накардааст», «чиҳози ба духтараш туҳфакарда ба як пул ҳам намеарзад» ва ҳоказо. Бо харҷи зиёд тӯй кардаву бо орзую ниятҳои нек ба хонадон арӯс мебиёранд. Наход камбудиву норасоии арӯси ҷавонро ошкор накарда, ба ӯ бо муомилаву муносибати хуб корҳои рӯзгорро омӯзондан душвор бошад? Хушдоман бояд вазифаи модарро иҷро кунад.

– Солҳои тӯлонӣ бо се келин дар як ҳавлӣ зиндагӣ кардем. Яке се, дуюму сеюм дутогӣ фарзанд доштанд. Албатта, арӯсон меҳоҳанд бо оилаҳояшон дар алоҳидагӣ зиндагӣ кунанд. Аммо барои мустақилона кашидани аробаи рӯзгор бояд сабр кард. Ба писари хурдӣ иморат сохтем, ба писари дуюм аз шаҳр хона харидем, баъд рӯзгори ҳар дуро алоҳида кардем. Осиё бо навбат гуфтаанд. Ба келинҳо, фарзандон, наберааҳоям мефаҳмонам, ки сабр, муросою мудоро шаҳсро ба мақсад мерасонад, – мегӯяд Мунаввара Худойназароваи пурдида.

– Ҳафт сол фарзанд надидам. Дар тӯли ин солҳо ба дари даҳҳо табобатхонаю табибон баумед сар халондем. Ба маслиҳати тавсияи шахсони пурдида амал кардем. Ҳатто ба дарз рафтани оилаамон андак монд. Аммо зану шавҳар ба тундию носазогӯиҳои хушдоману дигар аъзои оила мардонавор тоб овардем. Бо иноятӣ Офаридгор баъди ҳафт сол соҳиби духтару писар шудем, – иброз намуд апаи ТаҒойгул аз деҳаи Эҷ.

– Сабр роҳнамоест, ки инсонро зуд ба мақсад мерасонад. Доири ин мавзӯъ бо занону духтарони маҳаллаҳои номбурда бо иштироки занони солхӯрда, дар гирумони зиндагӣ обутобёфта, муаллимаҳои мактаб ва фаъолони маҳалла суҳбату вохӯриҳо мегузаронем. Ба ҷавонзаноне, ки мардҳояшон аз пайи кор ба кишварҳои дур рафтаанд ва ташвишу мушкилоти рӯзгор, тарбияи фарзандон ба дӯши онҳо афтидааст, алоҳида суҳбатҳо ташкил мекунем. Зеро «оламро об вайрон кунад, одамро гап» гуфтаанд. Таассуфовар аст, ки баъзан занону арӯсоне вомехӯранд, ки сабукандешанд. Онҳо фикр намекунанд, ки шавҳари мусофираш чӣ ҳол дорад, бо кадом роҳ дастмояе меёбад барои оилааш роҳӣ мекунад. Фиристодаи шавҳарро беҳудаю баҳуда сарф мекунанд. Ҷавонзанҳое ҳастанд, ки падари фарзандони худро дур дида, шефтаи суҳанҳои меҳрубононаи мардони лаину паст шуда, оқибат сари худро хам мекунанд... Онҳо намедонанд, ки ин рафтори онҳо доғи якумраи худу падару модар ва фарзандонаш мегардад, фарзандони онҳо маҷбуранд, ки беҳуда аз меҳру навозиши падар маҳрум шаванд ва заҳри талхи «зиндаятим»-иро чашанд,– фикри худро идома медиҳад Дилафрӯз Тилабова. – Корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳиро байни ҷавонон беш аз пеш бояд ба роҳ монем. Муқаддасии оила, эҳтиромӣ шавҳар, ҷавобгарӣ ба тарбияи фарзанд, муносибат ба аҳли оиларо бо панду андарзи бузургон, пеши назар овардани ҳаёти момоҳои пурдидаамон бояд фаҳмонем. Дар деҳаҳо ҳама якдигарро мешиносанд, ба якдигар хешу таборанд.

Субҳи содиқ хабари ноҳушиӣ «писари ҷавони фалонӣ худро овехтааст» ё ки «фалон ҷавонзан ба ҷони худ қасд кардааст»-ро фаҳмида, ангушти ҳайрат мегазем. Вақте ба суроғи ин оилаи мусибатзада меравем, мебинем, ки падару модар, хоҳару бародар, наздикон, ҳамсояҳои бағафлатмонда хун мегирянд...

Намедонем, ки дар замири ин корҳо тарбияи нодуруст, муҳити носолим, тазйиқ ё пастзанию ҷабру ситам истодааст.

Оре, сабр – пойдевори оила, оила – пойдевори ҷамъият. Мустаҳкам ва ҳифзи қалъаи оила, дар ин қалъа ба воя расондани фарзандоне, ки ояндаи Ватан ҳастанд, вазифаи асосии волидон мебошад.

Ҷалолиддини Балхии Румӣ дар ин хусус фармудааст:

Сабр талх омад,
валекин оқибат,
Меваи ширин диҳад
пурманфиат.
Ҳаст мар ҳар сабрро охир
зафар,
Ҳаст рӯзе баъди ҳар талхӣ
шакар.

Саодат БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

КЛИНИКАИ ЗАМОНАВӢ БА КОР ШУРӮЪ КАРД

Бо ташаббуси сарвари давлат ба фаъолият оғоз намудани бинои нави Донишкадаи давлатии тиббии Бухоро ба номи Абӯалӣ ибни Сино воқеаи таъриҳӣ гардида буд. Дирӯз дар ин маскан боз як воқеаи фаромӯшнашаванда рух дод.

Маросими тантанавии кушодашавии клиникаи замонавии донишкада, ки ҷавобгӯи талабҳои имрӯза аст, ба амал омад.

Ҳокими вилоят Ботир Зарифов бо оғозёбии фаъолияти клиникаи замонавӣ табрику муборакбод намуд. Ин муолиҷагоҳи азим бо воситаҳои зарурии муосири тиббӣ муҷаҳҳаз гардида, имконияти волои бо усули технологияҳои навтарин муолиҷакуниро соҳиб аст. Дар ин ҷо баҳри муолиҷагирии беморон, фаъолияти табъи дили кормандони тиббӣ, такмили дониш ва маҳорати донишҷӯён ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст. Клиника дар як вақт ба 200 нафар хидмати статсионарӣ ва ба 300 нафар ёрии амбулаторӣ расонда метавонад.

Арзиши лоиҳа 65 миллиард сӯм буда, барои табъи дил муҷаҳҳаз намудани муолиҷагоҳ 55 миллиард сӯм маблағ харҷ гардидааст. Акнун дар ин ҷо беморихои нейрохирургия, травматология, ҷарроҳии дил, номӯъҳадилии гардиши хун дар мағзи сар, эндоурология, ҷарроҳии таҷдидкунӣ, кардиологияи интервенсионӣ ва ғайра муолиҷа карда шуда, имконият медиҳад, ки мардум дигар овора шуда ба хориҷа нараванд. Пешбинӣ шудааст, ки ояндаи наздик дар клиника ҷарроҳиҳои мураккабтарин низ ба роҳ монда мешавад.

Амрулло АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 4263. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757
9 772010 775001

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.